# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (– Душанбе, 2026. – 40 с.)**

Диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – омӯзиши ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ бахшида шудааст. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, афзоиши таҳдидҳои фаромиллӣ ва густариши ҷиноятҳои муташаккили байналмилалӣ таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба қонунгузории миллӣ аҳамияти махсус касб намудааст.

Муаллиф дар диссертатсия кӯшиш намудааст, ки асосҳои назариявӣ, тасниф, робитаи меъёрҳои миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин мушкилоти татбиқи меъёрҳои конвенсионӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намояд. Диссертатсия аз се боб ва ҳафт зербоб иборат буда, мантиқан пайдарпай ва мураттаб сохта шудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсия дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, ба рушди илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ мусоидат менамояд.

Дар боби аввал муаллиф кӯшиш намудааст, ки мафҳумҳои асосии марбут ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ҷиноятҳои фаромиллӣ, ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалиро таҳлил ва фарқгузорӣ намояд. Қобили қайд аст, ки масъалаи фарқгузории ин мафҳумҳо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳанӯз ҳам баҳсбарангез боқӣ мондааст. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ ва санадҳои байналмилалӣ кӯшиш намудааст, ки меъёрҳои муайянкунандаро барои ҷудо намудани ин категорияҳо пешниҳод намояд. Ин равиш барои равшан гардидани мафҳумҳои асосӣ аҳамияти назариявӣ дорад. Дар зербоби якуми боби якум муаллиф ба таҳлили мафҳумҳо машғул шуда, дар он ҷиноятҳои конвенсионӣ ҳамчун ҷиноятҳое баррасӣ шудаанд, ки дар асоси конвенсияҳои байналмилалӣ криминализатсия гардидаанд. Ҳамзамон, робитаи онҳо бо

ҷиноятҳои фаромиллӣ ва байналмилалӣ нишон дода шудааст. Дар зербоби дуюми боби якум таснифи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ пешниҳод гардидааст. Муаллиф онҳоро вобаста ба объект, сатҳи хавфнокӣ ва хусусияти ҳуқуқӣ ба гурӯҳҳо ҷудо менамояд.

Боби дуюм ба таҳлили ҳамоҳангии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ бахшида шудааст. Дар зербоби якуми боби дуюм муаллиф ҷиноятҳои марбут ба сӯиқасд ба ҳаёт ва маҳрум сохтани инсон аз ҳаётро дар заминаи меъёрҳои байналмилалӣ баррасӣ менамояд. Таҳлил нишон медиҳад, ки қонунгузории миллӣ то андозае ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ карда шудааст, аммо баъзе норасоиҳо дар самти ҳамоҳангсозӣ боқӣ мондаанд. Дар зербоби дуюми боби дуюм масъалаи савдои одамон ва савдои кӯдак ҳамчун ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ таҳлил мегардад. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ин намуди ҷиноятҳо дорои хусусияти фаромиллӣ буда, мубориза бо онҳо ҳамкории байналмилалиро талаб мекунад. Бояд қайд намуд, ки таҳлили пешниҳодшуда дорои хусусияти амалӣ буда, мушкилоти мавҷуда дар қонунгузории миллӣ то андозае инъикос ёфтааст. Бо вуҷуди ин, баъзе хулосаҳо метавонистанд бо таҳлили муқоисавии амиқтар тақвият дода шаванд.

Боби сеюм қисми муҳими диссертатсия ба ҳисоб меравад, зеро дар он масъалаҳои марбут ба амнияти ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ ва ҳокимияти давлатӣ таҳлил шудаанд. Дар зербоби якуми боби сеюм муаллиф ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ бар зидди амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолиро баррасӣ мекунад. Дар ин қисмат масъалаҳои вобаста ба терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои хавфнок мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Зербоби дуюми боби сеюм ба таҳлили экстремизм ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти конвенсионӣ бахшида шудааст. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки экстремизм яке аз таҳдидҳои ҷиддии амнияти миллӣ ва байналмилалӣ мебошад. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии ин падида дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Дар зербоби сеюми

боби сеюм масъалаи имплементатсияи меъёрҳои зиддикоррупсионии конвенсионӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки сатҳи мутобиқати қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалиро таҳлил намояд. Дар ин қисмат камбудиҳои мавҷуда низ нишон дода шудаанд.

Дар баробари муваффақиятҳои баланди илмӣ, инчунин баъзе масъалаҳои баҳсталаб дар автореферати рисолаи илмӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Муаллиф дар пешниҳоди якуми худ ишора менамояд, ки дар қисми 3-юми моддаи 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррарот илова гардад: «Ҳангоми тасвиби созишномаи байналмилалие, ки дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мебошад, меъёрҳои он бояд ба ин Кодекс ворид карда шаванд». Албатта, Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи ташкилотҳои байналмилалӣ ва субъекти муҳимми муносибатҳои байналмилалӣ буда, имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар низоми ҳуқуқии худ ҷорӣ кардааст. Аммо, имплементатсия бояд бо назардошти манфиатҳои давлат, унсурҳои хосси миллӣ ва низоми ҳуқуқии давлат анҷом дода шуда, набояд хусусияти ҳатмӣ дошта бошад. Бо ин мақсад, аз унвонҷӯ даъват карда мешавад то дар ҳимояи ошкоро ба масъалаи мазкур равшанӣ андозад.

2. Таҳқиқбаранда дар нуктаи дуюми ба ҳимоя пешниҳодшавандаи худ пешниҳод менамояд, ки ба қисми 1 моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд чунин вазифаи иловагӣ ворид карда шавад: «Ҳимояи муносибатҳои байналмилалӣ ва тартиботи байналмилалӣ». Дар ҳамин қисмат мехостам бифаҳмам, ки ҳангоми амалӣ шудани ин муқаррарот сарҳади байни ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи байналмилалиро чӣ гуна метавон муайян намуд.

Масъалаҳои ишорашуда ба мазмун ва моҳияти рисолаи илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд, балки шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи баррасишаванда дар шароити кунунӣ дорои мубрамияти ба худ хос буда, метавонад ба ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ ва рушди илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ мусоидат намояд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд

таҳқиқоти анҷомёфта ва мукаммал дар самти ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти таҳлили анҷомшуда метавон гуфт, таҳқиқоти диссертатсионии Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
декани факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Н.Ф.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Рӯдакӣ,
ҷ/д Чоряккорон, д. Меҳробод, хонаи 90
E-mail: nekruz-0101@mail.ru
Тел.: (+992) 918559828

Имзои Сафарзода Н.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои педагогӣ Насурдинзода А.Н.

**Суроғаи муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33; **Тел.:** 224-17-86, 224-83-93 (факс); **E-mail:** info@apa.tj

«06» майи соли 2026